# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд.**

Бохтар.-177 саҳ.

Таҳлили пояҳои истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ, пеш аз ҳама, ба рушди илму фарҳанги мо вобастагӣ дорад. Яке аз сарчашмаҳои асосии ин раванди миллату давлатсозӣ омӯзиши таърихи асрҳои миёна мебошад.

Дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик пеш аз ҳама ба сарчашмаҳои таърихӣ бояд такя намуд. Чунин асари таърихӣ, ки метавонад таърихи асримиёнагии халқи тоҷикро комилан равшани андозад ин асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд аст, ки аз маъхазҳои арзишманди давраи ҳукумати хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки муаллифи асар Мирхонд дар аксари рӯйдоду кашмакашиҳои ин хонадон бевосита иштирок дошта, мушоҳидаҳояшро дар рисолаи худ «Равзат-ус-сафо» тасвир намудааст. Аз ин сабаб асари мазкур роҷеъ ба ҳукумати хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ахбори муҳим ва пурарзишеро ба муҳаққиқон дода, аз манобеи хаттии дасти аввали ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба ҳисоб меравад.

Табиист, ки вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар бисёр аз маъхазҳои таърихӣ инъикоси худро ёфтааст.

Бояд ишора кард, ки мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

Арзишманд будани ин мавзуъ дар он дида мешавад, ки то ба ҳол ҳеҷ асари илмие дар алоҳидагӣ дар таърихнигории Тоҷикистон ба таҳқиқи рисолаи Мирхонд «Равзат-ус-сафо» бахшида нашудааст.

Баррасӣ ва таҳлили асари таърихии Мирхонд дар таърихнигории Тоҷикистон аз мавзуъҳои мубрам буда, барои ба гардиши илмӣ ворид шудани далелҳо ва ахбороти нав аз ин рисола, ки шароити бештари инъикоси ҳодисаҳои таърихиро дар бар мегирад, мусоидат менамояд.

Мақсади аслии таҳқиқоти диссертатсионӣ омузиши маҷмӯии инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар

«Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ҷойдошта дар ҳамбастагӣ бо шарҳи ҳол ва осори илмию адабии муаллиф маҳсуб меёбад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ рисолаи арзишманди Мирхонд «Равзат-ус-сафо» мебошад, ки маводи он ба унвони ахбори таърихии боэътимод дар баррасии масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон эътироф гардидаант.

Мавзуи таҳқиқотро маълумотҳои таърихии дар асари «Равзат-ус-сафо» ҷойдошта ташкил намуда, дар баробари ин муқоисаи онҳо бо ахбори дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр аз ҷумлаи вазоифи мо мебошад. Унвонҷӯ дар баробари асари Мирхонд «Равзат-ус-сафо» инчунин дар ин замина рисолаҳои Низомиддини Шомӣ «Зафарнома», Муиниддини Натанзӣ «Мунтахаб-ут-таворих», Шарафиддин Алии Яздӣ «Зафарнома», Ҳофизи Абрӯ «Зубдат-ут-таворих», Хондамир «Ҳабиб-ус-сияр» ва ғайраро дар назар гирифтааст.

Дар мавриди навгонии илмии таҳқиқот бояд иброз дошт, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таҳлили муқоисавии вокеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва аввали асри XV Мовароуннаҳру Хуросон дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар таълифи рисола қисме аз ҳодисаҳоро дар натиҷаи мушоҳидоти худ ва қисми дигарро аз ҳуҷҷатҳои расмии дарбори Темуриён ва дигар таърихнависони дарбори ӯ, ки пеш аз ӯ ба навиштани таърихи хонадони Темуриён машғул буданд, дастрас намуда, истифода бурдааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро дурустии маълумот, пуррагии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, 3 боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (177-номгӯй) таркиб ёфтааст.

Таркиб ва мазмуни рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки нақшаи кор дуруст тартиб дода шуда, вазифаҳои дар он матраҳгардида бо муваффақият иҷро шудаанд.

Дар муқаддима унвонҷӯ мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда, сатҳи омӯзиш ва мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии рисола, манбаъҳои асосии таҳқиқот, навгониии илмии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда,

аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ва тавсиби натиҷаҳои тадқиқоти хешро мушаххас баён намудааст.

Боби аввали диссертатсия аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби аввал доир ба зиндагиномаи Муҳаммад ибни Сайид Бурҳонуддин Ховандшоҳ ибни Камолуддин Маҳмуд, маъруф ба Мирхонд (1433-1498), маълумотҳои нодир оварда шудааст. Унвонҷӯ роҷеъ ба шахсияти Мирхонд маълумот додааст. Зербоби дуюм роҷеъ ба сохтор ва тавзеҳи мухтасари бобҳои «Равзат-ус-сафо» маълумотҳо ҷой дода шудаанд. Дар боби дуюм, ки аз ду зербоб иборат аст, дар зербоби аввал дар бораи парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳри солҳои 40-70-уми асри XIV, яъне муборизаҳои сиёсӣ ва ба ҳокимият омадани хонадони Темуриён маълумотҳо ҷой дода шудаанд. Дар зербоби дуюм бошад унвонҷӯ роҷеъ ба давлати Темуриён дар Хуросони Бузург маълумотҳо овардааст. Дар боби сеюм, ки аз ду зербоб иборат аст, унвонҷӯ дар зербоби аввал дар бораи вазъи иҷтимоӣ, иктисодии Мовароуннаҳр ва Хуросон дар асрҳои XIV- XV маълумот додааст. Дар зербоби дуюм бошад унвонҷӯ оид ба хаёти фарҳангии халқи тоҷик дар ин давраи таърихӣ маълумотҳо ҷамъ овардааст.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯ Ҳиматзода Ҳ. дар ин рисола ҷамъбасти хулосавии ҳар як зербоби он мебошад, ки ҷолиб ва мавриди таъкиди махсус аст. Ин ҷиҳати нигориши он аз ҷустуҷуҳои илмӣ, мустақилияти фикрӣ ва навоварию навгӯии муаллиф дарак медиҳад. Мазмун ва муҳтавои дохили рисола бо мавзуоти бобҳо ва зербобҳо тарҳрезӣ шуда, бо рӯйхати адабиёт пурра мувофиқат менамоянд. Ҷанбаҳои илмӣ ва имлоию услубии рисола дуруст буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки хулосаи рисола аз 16 банд иборат буда, унвонҷӯ ба чунин хулоса меояд, ки Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд, маъруф ба Мирхонд, муаррихи форс-тоҷики давраи Темуриён ба шумор рафта, шоҳиди бевоситаи ҳама гуна ҳаводиси таърихӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ буда, онро дар асараш «Равзат-ус-сафо» ба таври муфассал инъикос намудааст.

Аз ин ҷиҳат, унвонҷӯ Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат мавзуи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро барои таърихи халқи тоҷик ба ҳайси рисолаи илмӣ бо унвони «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд интихоб кардааст.

Арзишмандӣ, рӯзмаррагии мавзуи интихобшуда аввалан дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлил ин сарчашмаи таърихиро бори аввал ба таври васеъ ва комил мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор додааст.

Автореферати диссертатсия аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назаррараси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, киислоҳи онҳо қимати онро меафзояд:

1. Дар диссертатсия таҳлили муқоисавии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ кам дида мешавад. Агар чунин муқоиса вуҷуд медошт, баҳогузорӣ ба вокеаҳои таърихии асримиёнагӣ осонтар мешуд ва хусусиятҳои хоси онҳо муайян мегардид.
2. Дар диссертатсия такрори фикру андеша қисман дида мешавад.

Рисолаи илмӣ аз хатогиҳои илмию услубӣ орӣ нест. Новобаста аз ин, камбудиву норасоиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мухтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннару Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо» - и Мирхонд, ки аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 –Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
омӯзгори кафедраи таърихи
умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич

Имзои номзади илмҳои таърих,
Ҷонмуродов Ш.М-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ: Қодирзода Сайвалӣ

"12" ноябри соли 2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 121,
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
Телефон: (+ 992) 2241383;
E-mail: info@tgpu.tj